**12 00 08 УГОЛОВНОЕ ПРАВО**
**12 00 08 CRIMINAL LAW**

*УДК 347.9*
*ББК 67.410.1*

## *ОИД БА МОҲИЯТ ВА МАЗМУНИ АДОЛАТИ СУДӢ ҲАНГОМИ БАРРАСИИ ПАРВАНДАҲОИ ГРАЖДАНӢ*

***Ахмедов Нарзуллохон Иззатуллоевич,*** *н.и.ҳ., дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Худжанд)*

## *О СУЩНОСТИ И СОДЕРЖАНИИ ПРАВОСУДИЯ ПРИ РАССМОТРЕНИИ ГРАЖДАНСКИХ ДЕЛ*

***Ахмедов Нарзуллохон Иззатуллаевич,*** *к.ю.н., доцент,заведующий кафедрой уголовного права, криминалистики и предупреждения коррупции ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

## *ON ESSENCE AND CONTENT OF JUSTICE UNDER CIVIL CASES CONSIDERING*

***Ahmedov Narzullohon Izzatulloyevich****, candidate of juridical sciences, Associate Professor, head of the department of criminal law, science of crime detection and prevention of corruption under TSULBP (Tajikistan, Khujand)*

***Калидвожаҳо:*** *адолати судӣ, парвандаҳҳои гражданӣ, муҳокимаи судӣ, шаклҳои мурофиавӣ, истеҳсолоти судӣ, намудҳои истеҳсолоти судӣ, марҳилаҳои мурофиаи гражданӣ*

*Дар мақола яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ оид ба моҳияти адолати судӣ аз назари баррасии парвандаҳои гражданӣ дар муқоиса бо институтҳои мувофиқаткунандаи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Чунин муносибат дар таҳқиқот барои он пеш гирифта шудааст, ки моҳияти адолати судӣ ва қоидаҳои ба амал баровардани он аз мавқеи суд – мақоми махсус барои татбиқи салоҳияти муҳимми давлатӣ ташкилшуда барои ҳамаи намудҳои фаъолияти мурофиавӣ якхела муқаррар шудааст. Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқот ба хулоса омадааст, ки фаъолияти олимони соҳаҳои гуногуни ҳуқуқшиносӣ дар сурати ҳамоҳангсозии мунтазам оид ба масъалаҳои адолати судӣ хеле самарабахш ва ҳадафманд шуда метавонад.*

***Ключевые слова:*** *правосудие, гражданские дела, судебное разбирательство, процессуальные формы, судопроизводство, виды гражданского судопроизводства, стадии гражданского процесса*

*Рассмотрен один из важных вопросов юридической науки - сущность правосудия с точки зрения рассмотрения гражданских дел в сравнении с соответствующими институтами уголовно-процессуального права. Такой подход к исследованию обусловлен тем, что сущность правосудия и правила его осуществления с позиции суда – органа, специально созданного для исполнения особо важной государственной компетенции,*

*однородны для всех видов процессуальной деятельности. В результате исследования обоснован вывод, что деятельность ученых, разрабатывающих различные отрасли юриспруденции, могла бы быть весьма целенаправленной и продуктивной при её систематической координации по вопросам правосудия.*

***Key-words**: justice, civil cases, court examination, procedural forms, judicial proceedings, types of civil proceedings, stages of civil procedures*

*The article dwells on one of the most important questions of juridical science - that of justice essence from the point of civil cases considering in comparison with respective institutes of criminal-procedural law. Such an approach to investigation is preconditioned by the fact that the essence of justice and the rules of its effectuation from the position of court -an organ specially created for implementation of an especially important state legal capacity - are homogeneous for all the kinds of procedural activities. The author comes to the well-grounded conclusion that scholars' activities aimed at elaboration of different jurisprudence branches might be rather purposeful and productive under its systematic coordination on the issues of justice.*

Мақсад ва мазмуни адолати судӣ чун яке аз шаклҳои асосии фаъолияти давлатӣ тақозои онро дорад, ки муҳокимаи муносибатҳои баҳсноки субъектҳои соҳаҳои ҳуқуқи моддӣ дар чорчӯбаи муҳокимаи судӣ, дар шакли мурофиавӣ амалӣ гардад. Ба ин маъно мурофиаи судӣ тартибот ва пайдарҳамии амалиётҳои қонунгузор муқарраркарда барои барқароркунии ҳуқуқҳои поймолшуда ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад.

«…Рушди минбаъдаи ҷомеа тақозо менамояд, ки бо мақсади танзими ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҷамъиятӣ қонунҳои амалкунанда мунтазам такмил дода шаванд» - изҳор намуданд дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон [8].

Шакли мурофиавии иҷро намудани ин ё он амалиёт, агар аз як тараф, барои мустаҳкам кардани интизоми субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии баҳснок судманд бошанд, аз тарафи дигар, барои тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва дар ботини онҳо бедор намудани ҳисси эҳтироми қонун, ҳамчунин барои таъмини шаффофият ва ошкоро будани муҳокимаи парванда муҳим ва зарур мебошад [2, с.196 ]. Аз ин сабаб қонунгузор ба муқаррар кардани шакли мурофиавӣ дар намуди маҷлиси судӣ барои парвандаҳои гражданӣ ҳам аҳамияти зарурӣ медиҳад.

Дар биноҳои хоса барои фаъолияти суд мувофиқ сохташуда толор барои маҷлиси судӣ дар назар дошта шудааст, ки ҷобаҷогузорӣ ва муқаррар кардани ҷойҳои нишаст барои ҳозирони тамошобин, муайян намудани ҷои нишасти ҳар як шахси иштирокчии кор ва ҷудо намудани он аз ҷои нишасти тамошобинон, гузоштани минбар барои шахсони баёнотдиҳанда, шоҳидони пурсидашаванда ва дар охир намуди умумии толори маҷлиси суд худ аз худ на фақат ба иштирокчиёни мурофиа, балки ба ҳамаи ҳузур доштагон таъсири тарбиявӣ хоҳад гузошт.

Дар замони муосир, қонунгузории амалкунандаи мурофиавӣ амалӣ намудани адолати судиро аз рӯи парвандаҳои гражданӣ моҳиятан сода намуда, аҳамият ва эътибори шакли мурофиавиро кам мекунад. Ба ҳар ҳол итминони комил дорем, ки институтҳои пешрафтаи адолати судии мамлакатҳои тараққикардаи хориҷӣ оҳиста – оҳиста ба низоми ҳуқуқии давлати мустақили бо роҳи демократия рафтаистодаи мо

ҳам ворид мегардад.

Баъзе талаботи қонунгузории мурофиавӣ, агарчанде ба моҳиятан баррасӣ ва ҳал намудани парванда аслан муносибати бевосита надошта бошанд ҳам, чун амали ба хусусияти рамзӣ ва тарбиявии адолати судӣ муносибат дошта, иҷро мегарданд. Масалан, аз ҷой хестани ҳамаи ҳозирбудагон ҳангоми ба толори маҷлисгоҳ ворид гаштани судя ва муроҷиат ба ӯ. Ҳатто маданияти коргузории мурофиавӣ хусусияти муайянкунандаи моҳияти мурофиаи гражданиро дорад, чунки аниқӣ, возеҳӣ ва боасос будани санадҳои мурофиавӣ кафолати сари вақт баррасӣ намудани парвандаи гражданӣ ва қарори дуруст баровардан аз рӯи он, ҳамчунон барқарор кардани ҳуқуқҳои поймол ва маҳдудшудаи онҳо мебошад.

Баъзе қоидаҳои одати кории истеҳсолоти судиро ҳатто дар мавридҳои мавҷуд набудани меъёрҳои ҳатмии ӯҳдадоркунанда риоя кардан лозим меояд. Чунончи, дар мамлакати мо барои судяҳо шакли либоси ҳатмии хизматӣ – мантия (қабо - хилъати васею дарози аз болои либос пӯшидашаванда) вақти баррасии парванда дар маҷлиси судӣ пешбинӣ шуда бошад ҳам (қ.2 м.134 Кк ҶТ «Дар бораи судҳои ҶТ») [6]. дар баъзе мавридҳо он риоя намегардад. Вале мавриди ба амал овардани адолати судӣ бояд судяҳо аз дигар иштирокчиёни мурофиа фарқ карда истанд ва намуди зоҳирии онҳо ба ҷиддият ва мутантании фаъолияти судӣ мувофиқат кунад. Барои ҳамин онҳо, алалхусус аз ҷинси зан бошанд, бояд, ақаллан либоси расмии хизматиро ба бар карда бошанд.

Суратҷаласаи маҷлиси судӣ шакли мурофиавии баррасии парвандаи гражданӣ буда, мувофиқат кардани қарори дар фарҷом қабулшавандаи судро ба моҳияти муҳокимаи ҷой доштаи ҳолатҳои кор инъикос менамояд.

Фаъолияти суд оид ба амал овардани адолати судӣ аз рӯи парвандаи гражданӣ дар муқоиса бо фаъолияти дигар мақомоти салоҳиятдор шакли аз ҳама комили ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз аз ҳамин сабаб қоидаҳои дар қонунгузории мурофиавии гражданӣ пешбинишуда дар мисоли фаъолияти суд таҳия шудаанд. Кафолатҳои мурофиавии дар истеҳсолоти судии гражданӣ пешбинишуда имкон медиҳанд, ки ҳуқуқҳои вайроншуда ё баҳснок, ҳамчунин манфиатҳои қонунии маҳдудгашта, сари вақт ва беғаразона барқарор гардида, ба ҳолати пештара оварда шаванд. Аз ин рӯ ҳуқуқҳои субъективии дорои дараҷаи баланди аҳамияти ҷамъиятӣ, дар ҳолати зарурати ҳимоя ба ваколати суд гузаронида шудаанд.

Дурнамои инкишофи қонунгузории мурофиавии гражданӣ чунин муайян гардидааст, ки танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳамаи дигар мақомоти дар баррасии парвандаҳои гражданӣ салоҳиятнок, бояд то дараҷаи мурофиаи судии умумигражданӣ расонида шавад. Чунончи, мурофиаи судии иқтисодӣ, ки тақозои замони муосир гардидааст, дар худ қариб ҳамаи қоидаҳои мурофиаи суди гражданиро таҷассум кардааст, чунки ин ду соҳа моҳиятан қисми таркибии мурофиаи граждании ягона ба ҳисоб меравand. Дар мурофиаи судии иқтисодӣ ҳамон парвандаҳои гражданӣ муҳокима ва ҳал карда мешаванд, ки суди умумигражданӣ баррасӣ мекунад, лекин фақат ба сифати субъекти онҳо на шахсони воқеӣ, балки шахси ҳуқуқии ба фаъолияти хоҷагидорӣ алоқаманд баромад мекунад. Агар шахсони воқеии алоҳида ба фаъолияти инфиродии соҳибкорӣ машғул бошанд, онҳо ба маънои муайян мақоми шахси ҳуқуқиро низ ба даст меоранд.

Ҳамин тариқ, моҳияти мурофиаи гражданӣ ҳамчун шакли асосии ба амал

баровардани адолати судӣ аз рӯи парвандаҳои гражданӣ муайян мешавад.

Табиати ҳуқуқии мурофиаи гражданӣ аз рӯи хусусияти мубоҳисавии муносибати ҳуқуқии моддӣ, ки аз соҳаи ба худ хоси ҳуқуқи гражданӣ ба маънои «васеъ» пайдо гаштааст, муайян мегардад. Мубоҳисаи ҳуқуқии байни тарафҳои баробар заминаи бавуҷудоии даъво чун воситаи универсалии ҳимояи ҳуқуқ (ба маънои моддӣ ва мурофивӣ) ва манфиатҳои қонунӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин сабаб қоидаҳои умумии мурофиавӣ ба сифати предмети фаъолияти судӣ даъворо муайян мекунанд, намуди асосии фаъолияти судӣ дар мурофиаи гражданӣ бошад истеҳсолоти даъво ном дорад.

Истеҳсолоти судии даъвогӣ ин маҷмуи чунин қоидаҳои рафтори мурофиавист, ки муносибатҳои мубоҳисавӣ-ҳуқуқиро аз рӯи ҳамаи парвандаҳои гражданӣ дар асоси баробарҳуқуқии тарафҳо ба танзим медарорад.

Баррасии парвандаҳои граждание, ки бо мубоҳисаи ҳуқуқӣ алоқаманд нест, ба зиммаи мақомоти дигари салоҳиятдор, аз он ҷумла мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, вогузошта шудааст. Аммо қонунгузор аз байни маҷмӯи чунин парвандаҳо онҳоеро ҷудо кардааст, ки аҳамияти калони ҷамъиятӣ ва давлатӣ доранд ё ғайр аз ба салоҳияти суд гузоштан роҳи дигари ҳалро надоранд. Бинобар он дар қонунгузории мурофиаи гражданӣ дар қатори истеҳсолоти даъво боз ду намуди маъмули истеҳсолоти судӣ – **якум,** аз муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ пайдошаванда ва **дуюм,** истеҳсолоти махсус, дар назар дошта шудааст.

Яке аз намудҳои «нав» ҷорӣ шудаи истеҳсолоти судии гражданӣ **«мурофиаи фармонӣ»** мебошад. Ба вуҷуд омадани ин институти нави ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ бо як қатор шарту шароитҳо алоқаманд аст, ки ташаккул ёфтани онҳо дар афкор ва шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ чандин даҳсолаҳо давом ёфтааст [1, с.81 - 86]. Зарурати сода кардани институтҳои алоҳидаи кайҳо ташаккулёфтаи мурофиавии гражданӣ барвақт ба миён омада буд; аз сабаби ба мақсад мувофиқ набудани риояи ҳамаи қоидаҳои расмиёти ба роҳ мондани адолати судӣ аз рӯи парвандаи граждание, ки ба талаботи баҳснопазир асос ёфта бошанд ҳам мувофиқи қоидаҳои умумии тобеияти идоравии парвандаҳои гражданӣ ба ваколати суд ворид мешуданд. [3, с.294-295 ].

Дар илми ҳуқуқи мурофиавии гражданӣи тоҷик кӯшиши баробар кардани мурофиаи фармонӣ бо қоидаҳои хатти иҷроияи нотариус иқдом карда шуд [5, с.187]. Ҳол он ки фарқият ва афзалияти фаъолияти судӣ дар муқоиса бо расмиёти қоидаҳои фаъолияти нотариус баръало маълум аст. Ба ҳамин тариқ, мурофиаи гражданӣ аз чор намуди истеҳсолоти судӣ иборат аст:

1) истеҳсолоти судии даъвогӣ;
2) истеҳсолоте, ки аз муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд;
3) истеҳсолоти махсус;
4) истеҳсолоти фармонӣ.

Саволе пайдо шуданаш мумкин аст, ки магар истеҳсолоти ғоибонаро ҳам дар қатори истеҳсолоти фармонӣ намуди панҷуми мурофиаи суди гражданӣ номидан мумкин нест? Ба назари мо чунин мерасад, ки вай ҳамагӣ як шакли нави истеҳсолоти судӣ дар марҳилаи якум мебошад. Чунки барои тамоми мурофиаи гражданӣ хусусияти умумӣ надорад.

Ба ақидаи мо, намудҳои нави ғайрианъанавии истеҳсолоти судии гражданиро нишон додан мумкин аст, зеро мавҷуд будани маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқии онҳоро танзимкунанда ва хислатҳои аз дигар инситутҳои мурофиавии ташаккулёфта

фарққунандаи онҳо ба ин имконият медиҳад. Мо дар ин ҷо «Истеҳсолоти парвандаҳо бо иштироки шахсони хориҷӣ»-ро дар назар дорем, ки дар КМГ соли 2008 ба он қисми алоҳидаи иборат аз се боб ва 20 модда бахшида шудааст [4]. Дар шароитҳои нави замони муосири муҳоҷирати байналмилалӣ муҳим ва мувофиқи талаб будани он боиси ягон шаку шубҳа нест.

Ҳамчунон, ба қонунгузор зарур набуд, ки қоидаҳои баррасии парвандаҳо оид ба додани варақаҳои иҷроия барои иҷроиши маҷбурии қарорҳои суди ҳакамиро ба танзими алоҳида ҷудо кунад, ки он ба фикри пайдо шудани боз як истеҳсолоти нав оварданаш мумкин аст. Аз рӯи мазмунаш онро боби «Баррасии парвандаҳо оид ба иҷрои санадҳои судӣ ва санадҳои мақомоти дигар» пурра дар бар гирифта метавонист.

Мурофиаи гражданӣ дар мисоли истеҳсолоти судии гражданӣ ҳам аз назари давомнокии вақт ва ҳам аз назари мазмуни амалиётҳои иҷрошаванда намудҳои фаъолияти мақомоти салоҳиятнок хеле дуру дароз ва аҳамиятнок ба ҳисоб меравад. Аз ин сабаб мурофиаи гражданӣ вобаста ба вазифаҳои иҷрошаванда, субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ, қоидаҳои иҷрои амалиётҳои мурофиавӣ, ба якчанд давраҳо, зинаҳо ҷудо мешаванд, ки марҳилаҳо ном гирифтаанд. Маъмулан дар илми ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ ҳафт марҳилаи истеҳсолоти судии граждaниро фарқ мекунанд, ки номи онҳо ва пайдарпаии мантиқиашон ба тариқи зайл мебошад:

1) оғоз кардани парвандаи гражданӣ;
2) тайёр кардани парвандаи гражданӣ ба муҳокимаи судӣ;
3) муҳокимаи судӣ;
4) истеҳсолоти иҷроия;
5) аз нав баррасӣ намудани санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдонакарда;
6) аз нав баррасӣ намудани санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокарда;
7) вобаста ба ҳолатҳои нав ошкор гардида аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда.

Пеш аз ҳама, номи баъзе марҳилаҳоро аниқ кардан лозим меояд, чунки онҳо мазмуни амалиётҳои иҷрошавандаро на он қадар дуруст ифода мекунанд. Меъёри асосии фарқ кунонидани марҳилаҳои истеҳсолоти судии гражданӣ қоидаҳои қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад, яъне қонунгузор чиро дар назар дорад. Ба марҳилаҳо тақсим шудани мурофиаи гражданӣ ба қоидаҳои қонунгузории мурофиаи давраи шӯравӣ асос ёфтааст, ки акнун дар мувофиқа бо қонунгузории ҳоло амалкунанда ниёз ба тасҳеҳ дорад.

Номгузории се марҳилаи аввал ба мазмуни худ мувофиқат мекунанд, аммо аз марҳилаи чорум сар карда – «истеҳсолоти иҷроия» ба саҳеҳу аниқ шудан ниёз дорад. Дар ин марҳилаҳо доираи васеи санадҳои иҷроия мавриди танзим қарор гирифтаанд, ки ба мазмуни мурофиаи гражданӣ мувофиқат намекунанд. Ҳар яке аз соҳаҳои ҳуқуқ, ки ба ин санадҳо мувофиқат мекунанд, ба монанди мурофиаи ҷиноятӣ ё мурофиаи маъмурӣ ё мурофиаи суди иқтисодӣ ё дигар соҳаҳои меъёрҳояшон аз ҷиҳати моддӣ ва мурофиавӣ аниқ ҷудонагардида ба соҳибии «истеҳсолоти иҷроия» довталаб шуда метавонистанд. Ҳамчунин Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷроия» [7] ҳам вазифаҳои истеҳсолоти иҷроияро дар ягонагии сари вақт ва маҷбурӣ иҷро намудани санадҳои на фақат марбут ба мурофиаи гражданӣ, балки ба парвандаҳои суди иқтисодӣ, ҳукмҳо ва қарорҳо аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ дар қисмати ҷарима

ситонидан ва мусодира намудани молу мулк ҳатмӣ меҳисобад. Алалхусус, дар КМГ соли 2008 қисми ба ин марҳила мувофиқаткунанда - «Баррасии парвандаҳо оид ба иҷрои санадҳои судӣ ва санадҳои мақомоти дигар» номида шудааст. Ба таври дигар гӯем, на ба иҷрои санадҳо таъкид мегардад, ки бешубҳа хусусияти мурофиавӣ надошта, балки фақат ба расмиятдарории санадҳо мебошад, балки фаъолияти салоҳиятнок – баррасии парвандаҳои ба иҷрои санадҳои судӣ алоқаманд нигаронида шудааст. Дар асоси навиштаҳои боло фикр мекунем, ки ин марҳила бояд «Баррасии парвандаҳои марбут ба иҷрои санадҳои судӣ» номида шавад.

Марҳилаҳои баъдинаи истеҳсолоти судии гражданӣ аз рӯи мақсад ва вазифаҳои худ рисолати ягона доранд: – аз нав дида баромадани парвандаҳои гражданӣ, аммо аз рӯи меъёрҳои гуногун: якум, аз рӯи санадҳои ба эътибори қонунӣ надаромада, дуюм, аз рӯи санадҳои ба эътибори қонунӣ воридшуда, сеюм, аз рӯи ҳолатҳои нав ошкор шуда. Моҳияти онҳо як аст – ислоҳ кардани ғалати судӣ, ки шояд аз тарафи суди марҳилаи якум содир шуда бошад.

Акнун ба табиати ҳуқуқии ҳар яке аз марҳилаҳои истеҳсолоти суди гражданӣ назар меафканем.

Оғоз кардани парвандаи гражданӣ аз ду амали мураккаби мурофиавӣ иборат аст: пешниҳоди ариза аз тарафи шахси манфиатдор ва қабули он аз тарафи суд. Чунин якҷоякунии ду амали мурофиавӣ моҳияти муносибатҳои хусусии ҳуқуқиро, ки барои барқароркунии ташаббуси субъекти ҳуқуқи вайроншуда ё баҳснок ва дигар шахси манфиатдор аҳамияти ҳалкунанда дорад, инъикос мекунад. Суд мақомоти мутлақи адолати судиро комилан беғаразона амаликунанда бошад ҳам, бо ташаббуси худ парвандаи гражданиро оғоз карда наметавонад.

Дар фарқият аз мурофиаи ҷиноятӣ, ки дар он марҳилаи тафтишоти пешакӣ ҳамаи далелҳои дар раванди муҳокимаи судӣ заруриро омода месозад, дар мурофиаи гражданӣ бе давраи тайёр кардани кор ба муҳокимаи судӣ лозим меомад, ки баррасии парвандаро аз сифр сар кунад. Чунки дар асоси фақат як аризаи қабулшуда дар бораи ҳамаи ҳолатҳои кор маълумоти зарурӣ гирифтан ва пешбинӣ кардани имконияти ба вуҷуд омадани мушкилиҳо дар раванди муҳокимаи парванда ғайриимкон аст. Бинобар он аҳамияти калон доштани марҳилаи тайёр кардани парванда ба муҳокимаи судиро дар таъмини имкониятҳои баррасӣ ва ҳалли парвандаи гражданӣ дар аввалин маҷлиси судӣ бе мавқуфгузорӣ нодида гирифтан хеле мушкил аст.

Муҳокимаи судӣ марҳилаи марказии мурофиаи гражданӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз дар ҳамин марҳила парвандаи гражданӣ моҳиятан баррасӣ шуда, ҳалли худро меёбад. Марҳилаҳои то ҳол баррасӣ гардида гузаронидани муҳокимаи судиро таъмин мекунанд, марҳилаҳои минбаъда бошанд барои амалӣ намудани натиҷаҳои ба дастовардаи муҳокимаи судӣ пешбинӣ шудаанд.

Дар марҳилаи баррасии парвандаҳое, ки бо иҷрои санадҳои судӣ ва санадҳои дигар мақомоти салоҳиятнок алоқаманданд, суд дар маҷлиси судӣ бо дарназардошти манфиати ҳамаи шахсони иштирокчии кор тамоми баҳсу носозиҳои ҳуқуқии пайдошударо бо роҳи мурофиавӣ ба танзим медарорад. Чунки адолати судӣ, то он даме ки санадҳои ҳуқуқии аз рӯи парванда баровардашуда иҷро нашаванд, ба мақсад расида ҳисоб намешавад.

Воқеияти мавҷудияти марҳилаи аз нав дида баромадани санадҳои судӣ аз рӯи

парвандаи гражданӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки қонунгузор имконияти ба хато роҳ додани суди марҳилаи якумро эътироф мекунад. Ҳар он чизе, ки ба инсон хос аст, ба судяҳо низ марбут аст. Чӣ қадаре ки судя донишманд набошад вай ҳама чизро дониста наметавонад ва ғалат карданаш мумкин аст. Алалхусус, имконияти татбиқи қиёсии ҳуқуқ ва қонун, ки дар мурофиаи гражданӣ пешбинӣ шудаанд, аз шуури ҳуқуқӣ ва эътимоди ботинии ҳар як судя вобаста мебошад. Дараҷаи гуногуни дониш ва фаҳмиши инсонии ҳар як судя то андозае сабаби ғалаткории вай дар ҳалли парванда гаштанаш мумкин аст. Тартиби мурофиави аз нав баррасӣ намудани санадҳое, ки ба эътибори қонун надаромадаанд, нисбатан содда аст. Чунки нисбати чунин санадҳои судӣ ҳоло чораҳои иҷрои маҷбурӣ татбиқ нагаштаанд, пас, оқибатҳои ҳуқуқие, ки бо гардиши иҷрои ин санадҳо бар мавриди бекор гаштанашон пайдо шуданаш мумкин буд, намешаванд. Бинобар он ташаббуси оғоз намудани истеҳсолоти кассатсионӣ на танҳо ба тарафҳо, балки ба ҳамаи шахсони манфиатдори иштирокчии кор дода шудааст. Ҳол он ки оғоз намудани истеҳсолоти аз нав дида баромадани санадҳои судӣ, ки ба эътибори қонун даромадаанд, нисбатан мураккабанд. Бо мақсади таъмин намудани устуворӣ ва босуботии муносибатҳои ҳуқуқии бо ҳамин санадҳо муқарраршаванда салоҳияти оғоз намудани ин истеҳсолот ба шахсони мансабдори (роҳбарикунандаи) муайяни мақомоти болоии назорати судӣ дода шудааст. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки ин истеҳсолотро назоратӣ ҳам мегӯянд.

Аз нав дида баромадани санадҳои судӣ, ки ба эътибори қонун даромадаанд, аз рӯи аз ҳолатҳои нав ошкор шуда ҳам имконпазир аст. Қонунгузор номгӯи пурраи ин ҳолатҳоро (қ.2 м.381 КМГ) [4] меорад, аммо чунин сифати онҳо аломатҳои муттаҳидкунандаашон ба ҳисоб меравaнд: онҳо ҷой доштанд, аммо ба аризадиҳанда маълум набуданд ва/ё маълум буда ҳам наметавонистанд.

Ҳамин тавр, моҳияти мурофиаи гражданиро қоидаҳои пешбинӣ кардаи тартиботи баррасии парвандаҳои гражданӣ, ки аз ҳамаи намудҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ бармеоянд, ифода менамоянд.

***Пайнавишт:***


1. *Бобоҷонов И.Х. Проблемы судебного приказа и заочного производства в теории и практике // Законодательство. - 2011. - №2. - С. 81 - 86.*
2. *Болтуев С.Ш. Подготовка гражданских дел к судебному разбирательству и пути повышения её эффективности / Проблемы теории и практики гражданско-правового регулирования. - Томск. - 1987. - С.199 - 206.*
3. *Болтуев С.Ш. К вопросу о подведомственности гражданско-правовых споров с участием колхозов / Фишурдаҳои маърӯзаҳои конфронси илмӣ-амалии «Экономико-правовые проблемы агропромышленного комплекса», 11-13 ноябри соли 1987. - Душанбе. - 1987. - С. 294-295.*
4. *Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 01 январи соли 2008 қабул гашта аз 01 апрели соли 2008 ба амал ҷорӣ карда шудааст. –* ***www.mmk.tj***
5. *Комментарий к Гражданскому процессуальному кодексу Республики Таджикистан. Под редакцией доктора юридических наук, профессора Рахимова М.З. – Душанбе. - 2012. – 574 с. (муаллифи боб Фозилов Н.Н.) - С. 187.*
6. *Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014. - http://mmk.tj/ru/legislation/legislation-base*

7. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷроия» аз 20 марти соли 2008 № 373 дар назар дошта шудааст.- http://mmk.tj/ru/legislation/legislation-base*
8. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри 2018 сол. – www. president.tj*

***Reference Literature:***

1. *Bobojohnov I. Kh. The Problems of Forensic Order ad Extra-Mural Procedures in Theory and Practice // Legislation. - 2011, N2. - pp. 81-86.*
2. *Boltuyev S. Sh. Preparation of Civil Cases for Court Examination and Ways of its Elevation of Effectiveness // The Problems of Theory and Practice of Civil-Legal Regulation. - Tomsk, 1987. - pp. 199-206.*
3. *Boltuyev S. Sh. To the Issue of Civil-Legal Controversies with the Participation of Collective-Forms Being within the Jurisdiction of Respective Departments // Materials of the Conference "Economico-Legal Problems of Agroindustrial Complex. November 11-13, 1987. - Dushanbe, 1987.- pp. 294-295*
4. *Civil-Procedural Code of TR Adopted on 01.01.2008 and Introduced into Functioning on April 1, 2008, ( www.mmk.tj)*
5. *Commentary to the Civil-Procedural Code of Tajikistan Republic. Under the editorship of Dr. of Jurisprudence, Professor Rakhimov M.Z. - Dushanbe, 2012. - 574 pp; the author of the chapter: Fozilov N. N. - p. 187*
6. *The Law of Tajikistan Republic Constitution "On Tajikistan Republic Courts" from 20.07.2014. - http://mmk.tj/ru/legislation/legislation-base*
7. *The Law of Tajikistan Republic "On Executive Implementations" from 20.03.2008, N373 Presented to Debates. - http://mmk.tj/ru/legislation/legislation-base*
8. *The Message of Tajikistan Republic President Emomali Rakhmon to the Supreme Council (Majlisi Oli) of Tajikistan Republic from December 26, 2018. - www.president.tj*